Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои кори илмии Халифазода Човидон Бобохон ба бандҳои 1.2. 1.3. 1.19. ва 1.24. – и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ дурнамои хеле хуб дошта, барои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа бо назардошти хусусиятҳои хоси он дар ҳудуди ҷуғрофӣ ва махсусгардонии истеҳсолот мусоидат менамояд. Ин ҷо раванди кооператсия ва ҳамгироии истеҳсолот дар ташаккули кластерҳои пахта имкон медиҳад, ки иқтидори захиравӣ-табиии минтақа самаранок истифода бурда шуда, он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ саҳми калон мегузорад.

Ҳалли масаъалаҳои мазкур аз ташаккули кластерҳои пахта, бахусус, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ, раванди кооператсия ва ҳамгироии агросаноатӣ, навсозии техникию технологӣ ва инноватсияҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Масоил ва мушкилоти номбурда зарурати таҳқиқоти назариявӣ-услубӣ ва пешниҳодҳои амалиро оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ тақозо намуда, он барои рушди устувори иқтисодиёти кишвар барои солҳои минбаъда хизмат хоҳад кард. Таҳқиқ ва ҳалли масоили мазкур мубрамияти таҳқиқоти илмиро муайян намуда, яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташаккули кластерҳои пахта ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии иштирокчиёни занҷираи мазкур дар минтақаҳои агросаноатӣ ташкил асос мeёбад.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар раванди таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ ба даст оварда ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ҳамчун самаранокии ташаккули кластерҳои пахта, ки он бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ,

минтақавӣ ва ҳудудӣ муайян гардида, ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани маҳсулоти соҳаи пахтакорӣ, таъмини рақобатноки иштирокчиёни занҷираи истеҳсолӣ ва таъмини бозори агрозуқавории минтақавӣ равона карда шудааст.

Муаллиф пешниҳод кардааст, ки ташшаккули кластерҳои пахта бо истифодаи кулли принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули он дар минтақаҳои агросаноатӣ (аз нигоҳи илмӣ-амалӣ асоснок, самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ, экологикунонии чораёни истеҳсолоти кишоварзӣ ва агросаноатӣ, тақсимоти одилонаи фоидаи иштирокчиёни кластер, принсипи ихтиёран муттаҳидшавии иштирокчиёни кластерҳо, принсипи минтақабандии шабакавӣ, рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва ғайра) тавассути функсияҳои ташкилӣ-истеҳсолӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кишвар нигаронида шудаанд.

**Таҳлили вазъи самаранокии фаъолияти кластерҳои пахтаро дар минтақаи Хатлон таҳлилу баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ намудаст.** Усулҳо ва роҳҳои асосии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақа ва арзёбии самаранокии кооператсия ва ҳамгироӣ дар ташаккули кластерҳои пахтакории минтақаҳои агросаноатӣ аз ҷониби муаллиф баррасӣ гардидааст. Рушди соҳаи пахта, дар навбати худ, бахши муҳимми соҳаи кишоварзии минтақа ба ҳисоб меравад ва мақоми вай дар ташаккули кластерҳои агросаноатии вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки он дар худ зернизомҳои зиёдеро гирд оварда, аз раванди парвариш, ҷамъоварии ҳосил, коркарди саноатии пахта, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки он аз якчанд функсия ва занҷираи истеҳсолӣ таркиб меёбад, ба як объекти бутуни истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, яъне пахта муттаҳид мегардад.

Қайд карда шудааст, ки дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақа, фаъолгардонии ҷалби бештари сармояҳо ба рушди кластерҳои мазкур дар доираи занҷираи истеҳсолии он дар минтақа коркард ва муккамал карда шуда, самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки он имкон медиҳад, ки аз ҳисоби истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва сармоягузориҳоро ба минтақаҳои агросаноатии кишвар тақозо намуда, он барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти занҷираи мазкур ва таъмини сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ равона карда шудааст.

Барои ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла кластерҳои пахта, ҷалби бештари сармояҳои ватанӣ ва хориҷӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин хотир, дар минтақаи Хатлон, аз ҷумла кластери 1 (ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Фархор, Кӯлоб, Восеъ) ба таври таҷрибавӣ нишон дода шудааст. Инчунин, механизми давлатии рушди кластерҳои пахта дар минтақа ҳадафҳои муайяни худро дорад, ки он аз принсип ва

пайдарҳамии фаъолияти иштирокчиёни занҷираи он маншаъ мегирад. Самаранокии иқтисодии кластери мазкур тавассути механизми муайяни ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва инноватсионӣ-иқтисодӣ, функсияи ҳар як иштирокчии он дар раванди кластерикунонӣ баҳогузорӣ карда шуда, аз раванди ташкилӣ-истеҳсолӣ ва ҳиссаи ҳар яки онҳо дар самараи бадастоварда муайян карда мешавад. Самараи мазкур пайдарҳамии мантиқӣ ва комплексии ҳамаи иштирокчиёни кластери пахта ва зеркомплексҳои онро, дар маҷмуъ нишон медиҳад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи** унвонҷӯ қисмати муқадимавӣ ва хотимавии диссертатсияи илмиро дар бар гирифта вай мавқеи муаллифро дар арзёбии самаранокии ташаккули кластерҳои пахта нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, арзёбиҳои дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи вай имконияти дар оянда дар самти татбиқи самаранокии кластерҳои пахта дар минтақа, ки ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи пахта дар минтақаи Хатлон, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои агросаноатиро фаро мегиранд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 179 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 18 ҷадвал, 4 диаграмма ва 6 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯи сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити иқтисоди бозорӣ» ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои минтақавии ташаккули кластерҳои пахта, принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккули кластерҳои пахта ва имконияти татбиқи он дар шароити минтақа баён гардидаанд.

Дар марҳилаи кунунӣ рушди иқтисодиёти минтақаҳо яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии минтақавӣ, нигоҳ доштан ва тараққӣ додани базаи мавҷудаи саноатӣ, нигаҳдории неруи кадрӣ ва дар ин замина, таъмини рақобатпазирии иштирокчиёни бозори молу маҳсулоти нассоҷиву дузандагӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд яке аз самтҳои ояндадори сиёсати давлатӣ ин ташаккули муносибатҳои кластерӣ маҳсуб меёбад, ки он зарурати мустаҳкам намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, шаклҳои кооператсия ва ҳамгироиро дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) тақозо менамояд. Аз ин хотир, яке аз самтҳои асосии рушди соҳавӣ-минтақавӣ ин ташаккули кластерҳои пахта ба ҳисоб меравад.

**Дар боби дуюм** «Таҳлили вазъи самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон» ҳолати кунунии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақаи Хатлон ва арзёбии самаранокии кооператсия ва ҳамгирой дар ташаккули кластерҳои пахтакории минтақаҳои агросаноатӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби сеюм** «Самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон» дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақа, фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа, самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар қисми хулоса натиҷаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷамъбаст гардида, хулосахо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас асоснок карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосахо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муқаррароти кори илмӣ-тадҳқиқотӣ, асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки муаллиф аз назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаи ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ васеъ истифода бурда, дар асоси гуфтаҳои онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаи назари худро пешниҳод намудааст. Ба ғайр аз ин қайд кардан зарур ат, ки мавзуи таҳқиқгардида ва натиҷаҳои бадастовардашуда муваффақиятҳои унвонҷуро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти анҷомдодааш вобаста ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ як қатор таҳлилҳо анҷом дода, роҳҳои баланд бардоштани самранокии онро пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ ҷанбаҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахтаро дар минтақаҳои агросаноатӣ таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки вай ҳамчун низоми махсуси фаъолияти хоҷагидорӣ барои рушди соҳаи пахта, баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои агросаноатии кишвар ва истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои ниҳоии агросаноатӣ хизмат менамояд (саҳ.16-34).

Уновнҷӯ дуруст қайд менамояд, ки ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа имкон медиҳад, ки муттаҳидсозии корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ба таври дуруст ба роҳ монда шуда, корхонаҳои калон ба ҳайси локомативи асосӣ ва таъмини рақобати софи корхонаҳои хурду миёна хизмат намуда, ҳавасмандии молиявӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати молу маҳсулотро таъмин намояд. Фикру ақидаҳои у дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи кластерҳои пахта аз дигар шаклҳои кластерҳои агросаноатӣ ҷолиби дастгирист, ки дар ин кластер на танҳо соҳаҳои истеҳсолкунандаи ашёи

хом, балки соҳаҳои хизматрасонӣ-таъминотӣ, техникӣ-технологӣ, идоракунии сифати молу маҳсулот ва соҳибкории инноватсионӣ (илму техника ва технология) низ бевосита иштирок менамоянд.

Муаллиф қайд кардааст, ки ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ба иштирокчиёни худ имкон медиҳад, ки дараҷаи баланди тахассусиро касб намуда, ба рушди соҳибкорӣ дар минтақа саҳми калон гузошта, талаботи бозори озуқаворӣ ва саноатиро дар минтақаҳои кишвар бо маҳсулоти агроозуқаворӣ таъмин намуда, ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ва додугирифти иттилоотӣ-технологӣ, рушди муносибатҳои ҳамгирой ва кооператсия, шуғли пурмаҳсули кориро дар минтақа таъмин намуда, вай дорои имкониятҳои баланди самаранокӣ дар миқёси минтақа масҳуб меёбад.

Инчунин аз ҷониби диссертант гуфта шудааст, ки рушди соҳаи пахтакорӣ, дар навбати худ, бахши муҳимми соҳаи кишоварзии минтақа ба ҳисоб рафта, дар ташаккули кластерҳои агросаноатии вилояти Хатлон мақоми махсус дорад. Вай дар худ зернизомҳои зиёдеро гирд оварда, аз раванди парвариш, ҷамъоварии ҳосил, коркарди саноатии пахта, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки он аз якчанд функсия ва занҷираи истеҳсолӣ таркиб ёфта, ба як объекти бутуни истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, яъне пахта муттаҳид мегардад. Аз ин хотир, ташаккули кластерҳои пахта бояд дар заминаи омӯзиши манфиатҳои иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии он ташаккул ёфта, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро таъмин намояд (саҳ.87-90).

Муаллиф қайд менамояд, ки вилояти Хатлон соли 1992 ташкил гардида, маркази он шаҳри Бохтар буда, масоҳати он 24,7 ҳазор км мураббаъ буда, он 17,5%-и ҳудуди кишвар ва шумораи аҳолии он 3530,0 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Вай ба ду минтақаи аграрӣ-саноатӣ, яъне минтақаи Вахш ва Кӯлоб тақсим карда шуда, шуғли асосии мардуми минтақа кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар минтақа 175 корхона ва коргоҳи пахтатозакунӣ, 33 корхона ва коргоҳи дӯзандагӣ ва 6 корхонаи ресандагӣ фаъолият дорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки соҳаи пахтакорӣ бахши муҳимми соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули кластерҳои агросаноатии вилояти Хатлон мақоми махсус дорад. Вай дар худ зернизомҳои зиёдеро гирд оварда, аз раванди парвариш, ҷамъоварии ҳосил, коркарди саноатии пахта, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки он аз якчанд функсия ва занҷираи истеҳсолӣ таркиб ёфта, ба як объекти бутуни истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, яъне пахта муттаҳид мегардад (саҳ.75-92).

Унвонҷӯ дарк намудааст, ки самаранокии иқтисодии кластерҳои пахта дар шароити муосир тавассути механизми муайяни ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва инноватсионӣ-иқтисодӣ, функсияи ҳар як иштирокчии он дар раванди кластерикунонӣ баҳогузорӣ карда шуда, аз раванди ташкилӣ-истеҳсолӣ ва ҳиссаи ҳар яки иштирокчиёни он дар самараи бадастоварда муайян карда мешавад. Самараи мазкур пайдарҳамии

мантиқӣ ва комплексии ҳамаи иштирокчиёни кластери пахта ва зеркомплексҳои онро, дар маҷмуъ нишон медиҳад.

**Аҳамияти назариявӣ, илмӣ-амлаӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оиди истифодаи онҳо.** Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқотро асарҳои олимони иқтисодшиноси ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ, барномаҳои давлатии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла рушди соҳаи пахтакорӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, консепсияҳо ва назарияҳои кластерикунонӣ ва усулҳои мавҷудаи арзёбии баҳои самаранокӣ ва ташхиси рушди соҳавӣ ва минтақавӣ, ҳуҷҷатҳои стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, ҳисоботҳои солонаи ҳоҷагиҳои пахтакор ва ноҳияҳои минтақаи Хатлон ташкил медиҳанд.

Аҳамияти назариявии диссертатсия ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ҳамгироӣ ва кооператсия равона карда шуда, тавсияҳои илмӣ-амалии он дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин, корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти пахта машғулбуда мавриди истифода бурдан мумкин аст. Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳои кори илмӣ аз рӯйи мавқеи амалӣ барои ташаккули кластерҳои пахтаи минтақавӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, масъалаи таъмини ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурда мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Хулосаҳо ва мукаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 11 мақола, бо 4,6 ҷузъи чопӣ (бо ҳуқуқи муаллифӣ) нашр шудаанд. Аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Теъдоди маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст), мувофиқат менамоянд.

**Мутобиқатии барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ба андешаи мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи мазкур аз як қатор камбудиҳою норасогиҳо эмин нест:

1.Дар боби якуми зербоби 1.3. муаллиф таҷрибаи ташаккули кластерҳои пахтаро дар кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Хуб мешуд агар унвонҷӯ имконяти кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи беҳтарин вариантҳои онҳоро барои ҷумҳурии мо мушаххастар нишон медод.

2.Дар боби дуюм зербоби 2.1 унвонҷӯ таҳлили ҳолати кунунии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва ташаккули кластерҳои

пахтакориро дар минтақаи Хатлон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Сифати илмии кор беҳтар мегардид, агар унвонҷӯ вобаста ба таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур мушкилоти ҷойдоштаро низ дар ин самт мушаххас менамуд.

3.Сифати рисолаи илмӣ хубтар мегардид, агар дар рафти таҳқиқ нишондиҳандаҳои минтақаи Хатлон ҳаҷми фоидаи кластерҳои пахта аз фурӯши маҳсулоти ниҳоии агросаноатӣ нишон дода мешуд.

4.Беҳтару хубтар мешуд агар унвонҷӯ вобаста ба мушкилотҳои ҳамгироӣ ва кооператсияии истеҳсолотро дар ташаккули кластерҳои пахта бештар диққат дода, рол ва мақоми онҳоро дар ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ва рушди минтақа пешниҳод менамуд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки эродҳои пешниҳодгардида ислоҳшаванда ва хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сатҳу сифати рисолаи илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбасти оид ба савзовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Кори илмӣ-таҳқиқотии Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Муқаризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири шуъбаи таҷрибаомузӣ
ва рушди касбияти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Маҳмадизода Ф.Б.

Имзои Маҳмадизода Ф.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроға. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992 - 37) 221-62-25;
Факс (+992-37) 227-15-10
Эл. почта: info@tnu.tj
Сомона: https:// www.tnu.tj.